# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.05.2026, №89**

Барои сазовор донистани Чиллаев Сулаймон Нажмудинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 21 майи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №112 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович, 11-уми декабри соли 1975 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Чиллаев Сулаймон Нажмудинович унвонҷӯйи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодчӣ” хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 3 июни соли 2024, протоколи №10/5.2 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Султонов Зубайдулло Султонович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳои славянии Россия ва Тоҷикистон;

**- Азизов Сафар Ахмедович –** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -** дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта Икромӣ Ф.Н. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи молия ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №11, аз 30.06.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин санаи 01.07.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақризи муассисаи пешбар гуфта шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисод ва амалияи бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Чиллаев Сулаймон Нажмудинович барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *Дар маҷаллаҳои тақризшаванда*

[1-М]. Чиллаев, С.Н. Марҳилаҳои ташаккуёбии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикстон [Матн] / С.Н. Чиллаев, З. Холиқзода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - № 3.1. – (31). – С.176 -185. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Чиллаев, С.Н. Мавқеи қисматҳои бозори молиявӣ дар маблағгузории бахши воқеии иқтисоди кишвар [Матн] / С.Н. Чиллаев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - № 3.1. (31). – С.320 -327. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Чиллаев, С.Н. Марҳилаҳои инкишоф ва асосҳои назариявии фаъолияти бозори молиявӣ [Матн] / С.Н. Чиллаев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар. – 2024. - №1/3 (125). – С. 540-544. ISSN 2663-5534.

[4-М]. Чиллаев, С.Н. Таъсири омилҳои беруна ба амнияти иқтисодии бонкҳо [Матн] / С.Н. Чиллаев, О.Ҳ. Ҷурахонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2024. - № 4 (43).– С. 317-324. ISSN 2663-0389.

[5-М]. Чиллаев, С.Н. Такмили низоми бонкӣ ҳамчун қисмати таркибии бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.У. Умаров, С.Н. Чиллаев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар. – 2025. - №1/3 (137). - С. 486-492. ISSN 2663-5534.

***Дар дигар нашрияҳо***

[6-М]. Чиллаев, С.Н. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаҳои ташаккулёбии он [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ», (ш.Душанбе, 01-апрели соли 2024). – Душанбе: ДДМИТ. -2024. - С. 570-579.

[7-М]. Чиллаев, С.Н. Ташаккули рақамикунонии бозорҳои молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн / С.Н. Чиллаев, У.М. Воҳидов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷуҳуриявӣ дар мавзуи «Иқтисоди сабз – заминаи бунёдии рушди устувор», (ш. Хоруғ, 27 апрели соли 2024). ДДХ ба номи М. Назаршоев. – Душанбе. - 2024. - С. 61-66.

[8-М]. Чиллаев, С.Н. Марҳилаҳои ташаккули бозори коғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷуҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккул ва дурнамои рушди бозори коғазҳои қиматнок дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2025). – Душанбе: ДДМИТ. - 2025. - С. 99-104.

[9-М]. Чиллаев, С.Н. Хусусиятҳои таркибии бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн / С.Н. Чиллаев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истифодаи моделҳо ва методҳои иқтисодӣ-математикӣ ва иттилоотӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», (ш. Душанбе, 14 июни соли 2025). – Душанбе: ДДМИТ. - 2025. - С. 84-90.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Дадоматов Д.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди бозори молиявӣ оварда шудааст, хуб мебуд агар омилҳои хавфҳои киберӣ ва таъсири онҳо ба устувории бозори молиявӣ низ мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд.

2. Масъалаҳои рушди инфрасохтори рақамии бозори молиявӣ дар автореферат мавриди баррасӣ қарор гардидаанд, вале нақши технологияҳои нави молиявӣ (FinTech, Open Banking ва ғайра) ба таври кофӣ баррасӣ нагардидааст.

**2. Тақриз аз Ҳамдамзода Х.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** бо чунин эродҳо:

1. Ҳангоми арзёбии таъсири иқтисоди рақамӣ ба рушди бозори молиявӣ истифодаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои пешсафи минтақа дар самти

технологияҳои молиявии рақамӣ (FinTech) метавонист имконияти асоснок намудани пешниҳодҳои илмиро боз ҳам тақвият диҳад.

2. Дар автореферат тавсеаи заминаҳои дохилии рақамикунонии бозори молиявӣ (расми 4) оварда шудаст. Хуб мешуд, агар муаллиф заминаҳои рақамикунонии бахшҳои алоҳидаи бозори молиявиро пешниҳод менамуд.

**3. Тақриз аз Попов Н.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори МТД “Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани ш. Душанбе”** бо чунин эродҳо:

1. Дар расмии 1 миёнаравии асосӣ дар бозори молиявӣ оварда шудааст. Хуб мешуд агар дар расми мазкур унсури рақамикунонӣ илова карда мешуд.

2. Ҳангоми пешниҳоди самтҳои рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, хуб мебуд механизми амалисозии баъзе пешниҳодҳо бо нишондиҳандаҳо барои қисматҳои бозори молиявӣ оварда мешуд.

**4. Тақриз аз Насридинзода М.Ш. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон, тақриз мусбӣ,** эрод надорад:

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди бозори молиявӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**-** консепсияи нави муаллифие таҳия ва пешниҳод шудааст, ки модели кӯҳнаи маблағгузории иқтисодиёт, ки асосан ба сармоягузории хориҷӣ, маблағҳои муҳоҷирон ва буҷети давлатӣ такя мекард, бояд ба модели нави бозорӣ ва инноватсионӣ иваз карда шавад. Ин модел дар асоси фаъолгардонии пасандозҳои дохилӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва воридсозии технологияҳои муосири молиявӣ (FinTech ва зеҳни сунъӣ) ташаккул ёфта, пайвандгари байни бахши молиявӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноатикунонии босуръат мегардад.

**- исбот шудааст,** ки бартарии бахши бонкӣ дар бозори молиявии кишвар боиси мушкилот дар ҳамгироии он бо бахши воқеии иқтисодиёт мегардад, сабаби асосии он сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва равобити заифи қисматҳои асосии бозори молиявӣ арзёбӣ гардидааст.

**- роҳҳои** беҳдошти бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун қисмати калидии бозори молиявӣ, аз ҷумла ҳамгироии он бо биржаҳои минтақавӣ, аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидаанд. Дар робита ба ин тавсияҳои асоснок дар самти ҷалби сармояи

дохилӣ ва мубаддалнамоии он ба сарчашмаи маблағгузории бахши воқеӣ пешниҳод шудааст.

**- тавсияҳои илман асоснок** таҳия ва пешниҳод шудаанд: а) механизми таъмини рушди бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ, бо назардошти заминаҳои дохилӣ ва берунии тавсеаи рақамикунонии он; б) тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои бозори сармоя дар заминаи истифодаи платформаҳои рақамӣ (FinTech); в) роҳҳои таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар заминаи рақаминамоии бозори молиявии миллӣ ва қисматҳои таркибии он.

- ***омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори молиявӣ ошкор карда шудаанд:*** а) омилҳои макроиқтисодӣ ва беруна (ноустувории вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, фишори қурбӣ ба асъори миллӣ ва таконҳои беруна); б) омилҳои институсионалӣ (заифии робитаҳо ва ҳамгироӣ байни қисматҳои алоҳидаи бозори молиявӣ, махсусан, байни бахши бонкӣ ва бозори сармоя); в) сатҳи пасти боварӣ ва саводнокии молиявӣ; г) омилҳои рақамикунонӣ ва технологӣ (тавсеаи инфрасохтори рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои молиявӣ ва зеҳни сунъӣ), ки ҳамчун муҳаррики калидии рушд ба ҳисоб меравант.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

**- муқаррароти** асосии диссертатсия бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда дар ҳамбастагӣ бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи молиявӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шудаанд.

**- исбот шудааст,** ки: а) рақамикунонии бозори молиявӣ метавонад дар таъмини шароит ва фазои муосид, тақвияту густариши бозори молиявӣ ва равнақи механизмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ мусоидат намояд; б) ҳамчунин исбот карда шуд, ки истифодаи платформаҳои рақамӣ боиси васеъшавии амалиётҳои нави молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои сармоявию қарзӣ мегардад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***ғояи асосии*** таҳқиқот аз асоснок кардани модели нави рушду ҳамгироии қисматҳои калидии бозори молиявӣ, пеш аз ҳама, бонкҳо ва бозори коғазҳои қиматнок, фаъолгардонии пасандозҳои дохилии аҳолӣ ва табдил додани онҳо ба сармояи воқеӣ барои бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин рақамикунонии густурдаи бозори молиявӣ дар заминаи технологияҳои муосир ва зеҳни сунъиро барои таъмини рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ дар бар мегирад.

**- самтҳои асосии рушди минбаъдаи бозори молиявӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд:** а) таҳким ва ҳамгироии қисматҳои бозори молиявӣ, хусусан тақвияти ҳамкории мутақобила ва устувор байни бахши бонкӣ ва бозори коғазҳои қиматнок; б) гузариш ба модели нави маблағгузории дохилӣ тавассути сафарбар кардани

пасандозҳои аҳолӣ ва захираҳои молиявии дохилӣ; в) рушди бозори коғазҳои қиматнок ва саноатикунонии босуръат, тавсеаи бозори фондӣ ва бозори сармоя; г) рақамикунонии бозори молиявӣ ва истифодаи технологияҳои муосир; д) андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа ба низоми расмии молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи боварии шаҳрвандон ба ниҳодҳои молиявию қарзӣ.

**- омӯхта шудаанд:** а) асосҳои назариявии ташаккулёбии бозори молиявӣ аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва пешниҳодҳои муаллифӣ; б) ҳолати воқеии ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии кишвар; в) вазъи бозори коғазҳои қиматнок ва механизми таъмини бахши воқей бо сармоя. Дар ин замина муаллиф исбот намудааст, ки рақамикунонии бозори молиявӣ шакли инкишофёфтаи равобити молиявӣ байни субъектҳои фаъоли иқтисодӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мебошад.

**- методикаи** умумияти илмӣ дар таҳлил ва натиҷабарорӣ, мантиқи диалектикӣ, таҳлил ва синтез, муқоиса ва ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, усули хулосаи назариявии илмӣ ва моделсозӣ гузаронида шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

**- тавсияҳои методӣ ва амалии** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Низоми молиявӣ», «Молия ва муомилоти пул ва қарз», «Бозори коғазҳои қиматнок», «Фаъолияти биржавӣ» ва «Назорати молиявӣ дар бозори фондӣ» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар ҶДММ "Реест Плюс" (санад аз 27.04.2026) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***дидгоҳи муаллиф*** оид ба ҳалли муаммоҳои мавҷуда аз нуктаҳои зерин иборат аст: 1) ҳарчанд бахши бонкии кишвар дар бозори молиявӣ мавқеи пешсаф дорад, аммо танҳо ба бонкҳо такя карда наметавонад талаботи густурдаи сармоягузории бахши воқеиро қонеъ кунад, бинобар ин, бояд бозори коғазҳои қиматнок ва дигар ниҳодҳои молиявӣ баробар рушд ёбанд; 2) пасандозҳои аҳолӣ бояд ҳамчун сарчашмаи асосии сармоягузории дохилӣ эътироф шуда, барои онҳо механизмҳои боэътимод ва қолиби ҷалбсозӣ сохта шаванд; 3) рақамикунонӣ на танҳо абзори хизматрасонӣ, балки воситаи асосии бартараф кардани монеаҳои ҷуғрофӣ, кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани дастрасии молиявӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ мебошад.

- ***стратегияи рушди бозори молиявии*** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ ба тағйири куллии модели маблағгузории иқтисоди миллӣ ва гузариш аз вобастагӣ ба сарчашмаҳои беруна ба захираҳои дохилӣ равона шудааст, ки он дар заминаи рақамикунонии густурда ва истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ амалӣ мегардад.

***- пешниҳод шудааст тавсияҳои амалӣ ва илман асоснокшуда:*** а) гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати ҳамгироии бозори коғазҳои қиматноки ватанӣ бо

биржаҳои рушднамудаи минтақавӣ ва фаъолгардонии муомилоти пулию қарзӣ ва аксияҳо; б) таъсиси механизмҳои нави маблағгузории афзалиятнок барои соҳаҳои калидии иқтисод тавассути ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ; в) васеъ истифода бурдани платформаҳои рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ барои осон ва шаффоф гардонидани ҷараёни ҷалби сармоя ва пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии молиявӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

**- назарияи** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба рушди бозори молиявӣ ва рақамикунонии он, нақши бахши бонкӣ ва бозори коғазҳои қиматнок дар рушди иқтисоди миллӣ пешниҳод гардидааст, ки имконияти таъмини рушди устувори иқтисодиро имконпазир гардонида, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

**- равиши илман** асоснокшудаи роҳҳои беҳдошти бозори молиявии кишвар пешниҳод шудаанд: 1) тақвияти ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт ва афзоиши боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ; 2) рушди бозори коғазҳои қиматнок ва ҳамгироии он бо биржаҳои минтақавӣ; 3) истифодаи васеи платформаҳои рақамӣ (FinTech) дар бозори сармоя; 4) таъсиси заминаҳои устувор барои рушди рақамикунонии бозори молиявии кишвар.

**- усулҳои** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 89,94% ва 87,73% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллифи рисолаи илмӣ дар асоснокнамоии назариявии ҳамгироии қисматҳои бозори молиявӣ саҳми арзанда гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиш муаллиф исбот намудааст, ки рушди бозори молиявӣ бе тақвияти равобити он бо бахши воқеии иқтисодиёт имконнопазир аст; 3) муаллиф исбот намудааст, ки рақамикунонии бозори молиявӣ метавонад ба василаи як омили асосии рушди иқтисоди миллӣ баромад намояд; 4) дар омода намудани 9 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои

назариявию методии такмили қисматҳои бозори молиявӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 9.1, 9.2, 9.3, 9.6 ва 9.7-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 24.07.2026 қарори сазовор донистани Чиллаев Сулаймон Нажмудинович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**24 июли соли 2026.**